**Протоколи №8-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-117
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 3-юми апрели соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои
шуро 14 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Шафоати Сангиҳмад** дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор **Гулназарзода Жило Бурӣ**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори муовини раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Каримзода Шуҳрат Бозор дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Шафоати Сангиҳмад** ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Шафоати Сангиҳмад** ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Шафоати Сангиҳмад** дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Расулзода Суҳайлӣ** - доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ; раиси комиссияи экспертӣ.

– **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** - доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Каримзода Ш. Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ. Т.